**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович дар мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мавзӯи диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми ҳуқуқи гражданӣ - танзими шартномавии таъмини барқ бахшида шудааст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва мантиқӣ тартиб дода шудааст. Дар рисола усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез ва ғайра истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои илмӣ, ки аз диссертатсия бармеоянд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби автореферат саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Бо вуҷуди таҳқиқотҳои дар бахши танзими шартномавии таъмини барқ анҷомдодашуда, ба фикри мо паҳлуҳои гуногуни ин масъала то кунун ҳалли илман асосноки худро наёфтаанд. Мубрам будани мавзӯи диссертатсионӣ ва зарурати ҳалли камбудию норасоиҳо вобаста ба танзими шартномавии таъмини барқ дар сатҳи кори илмии мазкур баён гаштааст.

Муаллиф дар робита бо мубрамияти мавзӯи зикршуда мақсади таҳқиқоти илмии худро ба таҳлили қонунгузории ҷорӣ ҶТ, ақида ва нуқтаҳои назар оид ба мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни шартномаи таъмини барқ, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон намудани шартҳои он ва дар ин асос коркард ва манзур намудани тавсияю таклифҳо баҳри боз ҳам мукаммалтар намудани механизми

танзими шартномавии муносибатҳои бахши таъминкунӣ бо нерӯи барқ бахшидааст.

Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсияро асарҳои олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия ва давлатҳои дигар, ки ба масъалаҳои умумии танзими хукукии муносибатҳои граждании-ҳукуқӣ дар соҳаи таъмини нерӯи барқ бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Манбаи асосии таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ дар бахши ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи энергетикӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд.

Аз матни автореферат мушоҳида мегардад, ки муаллиф Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯии энергия», Қоидаҳои истифодаи нерӯи барқ, Паёмҳои Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ва дигар санадҳои сиёсию ҳуқуқӣ, санадҳои Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, судҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ ва И. Сомонии шаҳри Душанберо ҳамчун заминаи меъёрии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва амалияи мавҷуда истифода намудааст.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот аз се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти (маъхази) истифодашуда иборат мебошад.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллиф ақидаҳои илмии худро дар 8 банд бо таври илман асоснок барои ҳимоя манзур кардааст. Дар банди 9-ум тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ (хусусан зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ ва моддаҳои 142, 569) пешниҳод кардааст.

Аз рӯи мавзӯи диссертатсия, муаллиф 23 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расондааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар атореферат баъзе масъалаҳои мубоҳисавӣ ҷой доранд, ки барои равшанӣ андохтан ба онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Аз ҷумла:

1. Муаллиф дар пешниҳоди 4 (саҳифаи 9 автореферат) қайд менамояд, ки «Ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда субъекти асосии шартномаи таъмини барқ мебошад ва ворид намудани таърифи он дар қонунгузории гражданӣ мувофиқи мақсад аст». Вале аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар матни диссертатсия оё ягон мафҳуми ташкилоти бо нерӯи барқ таъминкунанда ҳамчун субъекти асосии шартномаи таъмини барқ пешниҳод шудааст?

2. Аз мазмуни автореферат ва сохтори диссертатсия бармеояд, ки муаллиф ба ҷиҳати таърихии мавзӯи таҳқиқотӣ таваҷҷуҳ зоҳир

накардааст, аз ин рӯ ба ӯ тавсия дода мешавад, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда ба масъалаи таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи таъмини барқ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд.

Бо вуҷуди эродҳои номбаршуда дар маҷмӯъ мазмуни автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев С.А. кори илмии мустақилона ва аз лиҳози назариявӣ асоснокгардида, инчунин баанҷомрасида мебошад. Дар маҷмуъ, автореферати мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, муаллифи он Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5,
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат
Тел: 372 34 8802; +99293 401 78 17
Веб сайт: http: // dsx.tj
E-mail: fnodirov@list.ru

**Мудири кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Нодиров Ф.М.**

**Имзои дотсент Ф.М. Нодировро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат** **Ҷураев Ш.Н.**